**аз 01.08.2016 №276**

**«Оиди ба танзим даровардани маблағи изофапулиҳои андозӣ»**

Бо мақсади таъмини иҷрои муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳолатҳои пешгирии аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор беасос пешпардохт гардидани маблағи андозҳо, халалдор насохтани фаъолияти андозсупорандагон ва таъмини иҷрои Матритсаи чорабиниҳои сиёсати Бонки Осиёгии Рушд, мутобиқ ба талаботи моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 №456 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шаванд, ки ба истисноиҳолатҳои дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда вобаста ба моддаи 59 доир ба андози тибқи низоми соддакардашуда, моддаи 157 доир ба пардохтҳои ҷории андози фоида ва моддаи 183 доир ба андоз аз арзиши иловашудаи баҳисобгирифташаванда ҳангоми воридоти мол ба қаламрави ҷумҳурӣ, аз андозсупорандагон ба таври пешпардохт гирифтани маблағи андозҳо роҳ надиҳанд.

2. Ҳангоми риояи нагардидани талаботи банди 1 фармоиши мазкур ва ошкор гардидани ҳолатҳои аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз бар хилофи талаботи қонунгузории андоз аз андозсупорандагон беасос ба таври пешпардохт гирифтани маблағи андозҳо, нисбати кормандони мақомоти ҳудудии андоз, ки ба чунин қоидавайрокуниҳо роҳ додаанд, чораҳои қатъии интизомӣ андешида мешавад.

3.Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, Раёсати ташкили андозбандӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шаванд, ки дар маҳаллҳо оид ба моҳият ва риояи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоиши мазкур бо кормандони мақомоти ҳудудии андоз, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронанд.

4. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз фармоиши мазкурро дар сомонаи расмии Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир намоянд.

5. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини аввали Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А. М. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатзода**